Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов 64/14

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Султон Бахтиёр дар мавзуи «Таъсири маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Дар шароити имрӯза фаъолияти соҳибкорӣ омили муҳими рушди иқтисодиёти дилхоҳ кишвар ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд, ташаккул ва рушди соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар шаклҳои соҳибкорӣ, хусусиятҳои хоси худро дошта, он доираи васеъи андозсупорандагон ва қисмати зиёди аҳолиро ба шуғли корӣ фаро мегирад. Илова бар ин, таъмини ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳаволии мардум аз бисёр ҷиҳат аз дуруст муаяйн намудани шаклу меъёрҳои андозбандӣ ва маъмурикунонии субъектҳои соҳибкории хурду миёна вобастагӣ дошта, ба таҳкими даромадҳои буҷети давлатӣ ва рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд. Хусусияти хоси маъмурикунони андоз, бахусус назорату санҷишҳои андозӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна дар он инъкос меёбад, ки ба таъмини рақобатпазирӣ, шуғли пурмаҳсул ва ҳавасмандии молиявии онҳо шароити мусоид фароҳам месозад. Ин мубрами ва муҳим будани рисолаи диссертатсионии Султон Бахтиёр, ки дар мавзуи «Таъсири маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» омода гардидааст, нишон медиҳад.

Дар автореферат оварда шудааст, ки дар робита ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ соли 2022 чунин таъкид намуданд, ки: «...Дар доираи сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат доир ба дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар замони соҳибистиқлолӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, дар ин самт барои соҳибкорон имтиёзу сабукиҳои зиёд ҷорӣ карда шудаст (с.3).

Муаллиф қайд менамояд, ки мақсади ислоҳоти андозӣ низ дар рушди соҳибкори хурду миёна ба дастгирии андозӣ-молиявӣ, аз ҷумла истифодаи имтиёзҳои андозӣ, махсусан ҷори намудани низоми махсуси андозбандӣ ва маъмурикунонии содаи он, паст намудани гаронии андоз, беҳтару хубтар ба роҳ мондани назорату санҷишҳои андозӣ ба субъектҳои мазкур ба он оварда расонид, ки ҷамъоварии саривақтии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ ва самаранокии фаъолияти

мақомти андоз таъмин мегардад. Дар ин ҷода, ҷорӣ намудани шаклу меъёрҳои махсуси андозбандӣ ба соҳибкорони хурду миёна ба мақсад мувофиқ буда, он ҳам манфиатҳои давлат ва ҳам субъектҳои соҳибкории мазкурро ҳифз намуда, ба таҳкими имкониятҳои қисмати даромади буҷети давлатӣ мусоидат менамояд (с. 9-10).

Тазаккур додан ба марид аст, ки натиҷаҳои илмии рисолаи мазкур ба ташаккули ҷанбаҳои назариявӣ-услубии низоми андозӣ ва маъмурикунонии он дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан рушди соҳибкори хурду миёна мусоидат менамояд. Қисман, хулосаю тавсияҳои илмӣ-амалии он дар мақомоти андоз, ҳангоми амали намудани сиёсати андозӣ, дар раванди назорату санҷишҳои андозӣ ё ин, ки дар оянда ҳангоми соддагардонии маъмурикунонии андоз мавриди истифода қарор дода мешавад. Инчунин, дар мақомоти андоз ҳангоми татбиқи амалии маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкорӣ ва пардохти маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ мусоидат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки новобаста аз ҷиҳатҳои мусбӣ автореферати мазкур аз камбудӣ низ эмин нест аз ҷумла:

- хуб мешуд, ки муаллиф дар қисмати асосҳои назариявии ташаккули маъмурикунонии андоз дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ ақидаи олимони ватаниро бештар истифода мебурд, сифату арзиши рисолаи мазкур боз ҳам баландтар мешуд.

Эроди зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии татқиқоти муалифро коҳиш намедиҳад ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кори илмӣ баён гардидааст.

Умуман, автореферат дар мавзуи «Таъсири маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ба талаботҳои низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Султон Бахтиёр арзандаи дараҷаи илмӣ - номзадии илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00. 07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ М.Н.Мирсаидов

735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16
Телефон: +992 33 22 23506
E-mail: info@kgu.tj

Имзои М.Н.Мирсаидов-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Ф.А.Амиров